ТДУ (33) 378.016+001

# РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲАМГИРОИИ (ИНТЕГРАТСИЯИ) МАОРИФ ВА ИЛМ

**Шарифов З.Р.**, д.и.и., профессор, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур

**Ғафоров Х.А.**, ассистенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ

***Калидвожаҳо:*** *интегратсия, маориф, илм, равандҳои интегратсионӣ, рушди интегратсионӣ, захираҳо, натиҷагирӣ.*

Омӯзиш ва дарки ҳодисоти иқтисодию иҷтимоии ҷаҳон тақияи қоидаҳо ва назарияҳоеро талаб мекунад, ки метавонанд ба онҳо аз нуқтаи назари илми иқтисодиѐт шарҳу тавзеҳ бахшанд. Аз ин рӯ, донистани ҳар як қисми низомномаҳои асосии назарияҳои гуногун муҳим арзѐбӣ мешавад, зеро он зуҳурот - объекти таҳқиқро, ки чӣ тавр ҳал карда шудани масъалаҳои гуногуни алоқаманд бо ҳамгироӣ ва мазмуни дар онҳо ташаккулѐфтаро нишон медиҳад, асоснок мекунад.

Дар адабиѐти илмии имрӯза самтҳо ва равишҳои гуногуни фаҳмиши моҳият ва табиати ҳамгироӣ ва равандҳои муттаҳидкунанда маълуманд. Барои он ки моҳияти ҳамгироӣ дуруст дарк карда шавад, анҷоми руҷӯи мухтасари таърихие, ки имконият медиҳад давраи ҳозираи он пайгирӣ карда шавад, зарур аст.

Мафҳуми «интегратсия», ҳамчунин худи раванди ҳамгироӣ дар фарҳанги сиѐсӣ нисбатан вақтҳои на он қадар дур, дар солҳои бистуми асри гузашта ба вуҷуд омадааст. Асосгузорони он донишмандони олмонӣ Р. Шмед, Х. Келзен ва Д. Шиндлер буданд [5. с.1]. Мафҳуми мазкурро онҳо дар соҳаи таҳлили муносибатҳои ҷамъиятӣ ба кор бурда, иттиҳоди одамон, махсусан давлатҳоро дар як навъ ҷомеаи махсуси иҷтимоию сиѐсӣ дар назар доштанд.

Сипас, ҳолате ба вуҷуд омад, ки гузариши истилоҳи мазкур аз пайи раванди ҳамгироӣ ба таркибҳои гуногуни сиѐсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаѐти ҷомеаро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, ҳоло дар зери мафҳуми ҳамгироӣ чунин маъниҳо фаҳмида мешаванд:

- ҳамгироии сиѐсӣ (мутобиқаткунонии манфиатҳои стратегӣ, фаъолияти қонунэҷодкунӣ);
- ҳамгироии иҷтимоӣ (муносибатҳои авлодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра);
- ҳамгироии истеҳсолӣ (ҷанбаҳои саноатӣ, нақлиѐтӣ, энергетикӣ);
- ҳамгироии иқтисодӣ (минтақаи озоди тиҷоратӣ, иттиҳоди гумрукӣ, тарифҳо, бозори меҳнат ва ғайра);
- ҳамгироии молиявӣ (фазои сармоягузорӣ, бозори сармоя ва ғайра);
- таъмини бехатарӣ (мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, маводи мухаддир, ҳамкории ҳарбию техникӣ, мубориза бар зидди терроризм, ҳифзи муштараки сарҳад);
- ҳамгироии фарҳангӣ (фазои забонӣ, табодули фарҳангӣ);
- ҳамгироии илм ва маориф.

Таҳлилгарони алоҳида ҳаракатдиҳандаи равандҳои ҳамгироиро аз таркиботи иқтисодӣ медонанд. Дар асоси омӯзиши адабиѐти илмӣ, мо ба хулоса омадем, ки имрӯз ин раванд ҳам дорои шарҳи ягона нест. Яккатор муаллифон масъалаи ҳамгироиро таҳқиқ намуда, аломатҳои гуногуни хоси ин раванди иқтисодиро шарҳ додаанд.

Олими рус А.М.Гатаулин дар китоби худ [4] ҳамгироиро ҳамчун маҷмӯи шаклҳои муташаккили ҳамкории рушдёфта (ҷойе, ки ҳамкорӣ фаъолияти якҷоя, алоқаманд мебошад)-и корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаҳои гуногун, соҳаҳо ва намудҳои фаъолият шарҳ додааст.

Ба ақидаи олимон М. Мескон, А. Алберт, Ф. Хедоури [6. с.253] бошад, ҳамгироӣ дар иқтисодиёти имрӯза дар рушди ҳамкорӣ дар байни воҳидҳои иқтисодӣ ҳангоми истеҳсол, тақсимот, муомилот ва истеъмолот, пайдоиши сохторҳои шакли нав, афзоиши хосиятҳои яклухтии низомҳо бо мақсади бадастории самараи баландтарини синергетикӣ ифода меёбад. Вазифаҳои ҳамгироӣ ҳангоми таъини алоқаҳо дар байни ҷузъҳои алоҳидаи воҳидҳои муттаҳидшаванда ба вуҷуд меояд.

Олимон В. Е. Рибалкин, Ю. А. Шербанин, Л. В. Балдин [7], масъалаҳои ҳамгироии байналмилалиро таҳқиқ намуда, қоидаеро пешниҳод кардаанд, ки моҳияти ҳамгироиро аниқ ифода мекунад: «Ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ин раванди воқеӣ, даркшуда (яъне ихтиёрӣ) ва равонашуда ба наздикшавӣ, ба ҳам мутобиқшавӣ ва пайвасткунонии низомҳои миллии хоҷагидории дорои иқтидорҳои худтанзимкунӣ ва худташаккулдиҳӣ мебошад».

Мувофиқи ақидаи И. О. Сорокин бошад «Ҳамгироӣ ин муттаҳидии ихтиёрии ду ва ё зиёда субъектҳои қаблан мустақили иқтисодӣ бо роҳи дар байни онҳо таъин намудани алоқаи шаклҳо ва намудҳои гуногун мебошад, ки тавассути бастани санадҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ бо мақсади иҷрои ҳамкории самараноки якҷоя барои манфиати ҳар як субъекти муттаҳидшаванда ба роҳ монда мешавад» [8].

Дар фарҳанги калони энсиклопедии Руссия [1] мафҳуми ҳамгироӣ (аз калимаи лотинии integer - ягона) ҳамчун мукаммалкунӣ, барқароркунӣ (мафҳуме, ки ҳолати алоқамандии қисматҳои алоҳида ва вазифаҳои онҳоро дар якҷоягӣ мефаҳмонад) шарҳ дода шудааст.

Мувофиқи шарҳи хадамоти луғавии Glossary Commander [10] «Ҳамгироӣ ин пурзӯрнамоии равандҳои такрористеҳсолкунӣ, ҳамкориҳои илмӣ, ташкили алоқаҳои зичи хоҷагидорӣ, илмию истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад».

Қайд кардан зарур аст, ки дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [9. с.486] ҳамгироӣ ҳамчун якҷоя кардан, боҳам омадан шарҳ дода мешавад. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамгироӣ ин равандест, ки маънои ҳолати алоқамандии ҷузъҳои алоҳидаи низом ба воҳиди ягонаро дорад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо «ҳамгироӣ» ин равандест, ки дар натиҷаи он якҷояшавӣ ё ин ки ба ҳам омадани қисматҳо, соҳаҳо, зерсистемаҳо, ва ё зерсохторҳо, ки қаблан дар алоҳидагӣ фаъолият мекарданд таъмин карда мешаванд.

Рушди илм ин раванди диалектикиест, ки дар он ҷудокунӣ (дифференсиатсия) бо ҳамгироӣ, баҳамворидшавӣ ва муттаҳидшавӣ ба воҳиди ягонаи самтҳои гуногуни дарки илмии олам, алоқамандии метод ва ғояҳои гуногун ҳамроҳ аст. Дар илми имрӯза муттаҳидшавии илмҳо барои ҳалли вазифаҳои бузург ва мушкилоти ҷаҳонӣ, ки аз талаботи амалӣ сар мезананд, торафт бештар паҳн мегардад. Ҳамкории илм ва методҳои гуногун дар натиҷаи нобаробарии рушди соҳа ва фанҳои илм душвор мешавад.

Гуногунақидавӣ (плюрализм)-и методологӣ махсусияти хоми илми имрӯза аст, ки тавассути он барои ошкорнамоии пурра ва амиқи моҳият, қонунҳои зуҳуроти сифатан гуногуни ҳақиқати воқеӣ шароити зарурӣ ба амал оварда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки маориф ва илм асоси ташаккули шахсияти инсон ва рушди ҳамешагии он баҳисоб меравdefinitions. Маориф ва илм бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра месозанд. Илм заминаи фаъолияти маориф ба шумор рафта, онро бо донишҳои нав таъмин месозад ва роҳҳои ташаккули шахсиятро дар раванди таълиму тарбия муайян мекунад, низоми маориф бошад, барои соҳаҳои илм мутахассисонро омода менамояд. Бинобар ин бе ҳамгироии самараноки илм ва маориф рушди нерӯи зеҳнӣ,

илмию техникӣ ва кадрии мамлакатро тассавур кардан ғайри имкон аст.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ ба сифати вазифаҳои асосии ҳамгироии маориф ва илм ҷиҳатҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

• таъмини ширкати якҷояи кормандони муассисаи таҳсилоти олӣ, илм, сохторҳои дигари инноватсионӣ дар гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва омодакунии кадрҳои тахассусманд;

• рушди технологияҳои ҳозиразамони иттиллоотӣ дар раванди таълим ва илм дар асоси базаи ягонаи иттиллоотӣ барои соҳаҳои маълумоти олӣ, илм ва фаъолияти инноватсионӣ;

• ҷалби ҷавонони боистеъдод ба соҳаҳои мактаби олӣ, илм ва фаъолияти инноватсионӣ;

• рушди базавӣ барои соҳаҳои маориф ва илм ягонаи дастгоҳӣ ва таҷрибавию эксперименталӣ.

Ҳамин тариқ, дар барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 қайд карда шудааст, ки «Моҳияти сиёсати давлатӣ оид ба илму техника, ки ба эътирофи илм ҳамчун яке аз афзалиятҳои миллӣ асос ёфтааст, ташаккул додани чунин низоми давлатии самарабахши дастгирии илм мебошад, ки он бояд мутамарказгардонии имкониятҳоро ба самтҳои барои мамлакат афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ, суръатбахшии ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи амалии инноватсияҳо, коркарди технологияҳои рақобатпазир, талабгории коркардҳои илмӣ аз тарафи истеҳсолот, ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ, нуфузи баланд ва ҷалби бештари меҳнати илмӣ, ҳамгироии илм ва маориф, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тайёр кардани олимон ва мутахассисони ҷавон таъмин намояд»[2].

Дар амал кӯшиши ҳалли мушкилоти ҳамгироии илм ва маориф торафт бештар ба баландбардории самтнокии маблағгузории муассисаҳои илмию таълимӣ новобаста аз аҳамияти воқеиашон, арзёбии иқтидорҳо, талабот ба коркард, хизматрасониҳои онҳо ва ҷалби бизнес ба уҳдадориҳои сарпарастӣ барои соҳаҳои илм ва маориф оварда мерасонад. Чунин сиёсат наметавонад натиҷаҳои назаррас ба даст орад.

Чӣ тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ҳамгироии самаранок танҳо дар асоси моделҳои бозории муносибатҳои байни соҳаҳои мазкур ба даст омаданаш мумкин аст, ки дар он нақши давлат на дар ташкил, балки дар омезиши чунин шаклҳои ҳамкорӣ тавассути ташкил намудани шароити мусоиди хусусияти умумидошта (дастгирии илмҳои бунёдӣ, таҳияи стандартҳои шаффофи таълимӣ) ба даст хоҳад омад.

Хулоса, дар натиҷаи равандҳои ҳамгироӣ ба андешаи мо метавон чунин нишондодҳоро ба даст овард:

• омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнати байналмилалӣ;

• беҳтаргардонии ҳайати кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва соҳаи илмию таҳқиқотӣ, ҳифз ва рушди коллективҳои мавҷудаи илмию педагогӣ;

• таъмини кадрии иҷрои маҷмӯи барномаҳои мақсадноки миллӣ барои дурнамои муайян;

• натиҷаҳои нав дар соҳаи илм ва техника, ки ба гузариши иқтисодиёти мамлакат ба сатҳи нисбатан баланди технологӣ мусоидат намуда, барои ҳалли вазифаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар шароит фароҳам оварад;

• баландбардории сатҳи нерӯи зеҳнӣ, вазъи зиндагии аҳолӣ ва беҳтаргардонии ҳолати экологӣ дар мамлакат;

• пешгирии муҳоҷирати кадрҳои нисбатан боистеъдоди илмӣ аз мамлакат;

• баробарҳуқуқии иштироки намояндагони маълумоти олӣ ва илми ватанӣ дар ҷомеаи байналмилалии илмию техникӣ;

•таъмини шароите, ки шиддатнокӣ ва сифати фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва маълумотро баланд мебардорад.

Адабиѐт

1. Большой энциклопедический словарь: в 2 т./ Гл.ред. А.М. Прохоров. - М.: Сов. энциклопедия, 1991.-Т. 1.
2. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020- Душанбе, 2011. -37с.
3. Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии ҶТ барои солҳои 2010-2015- Душанбе, 2009
4. Гатаулин А.М. Экономическая теория: микро- и макроэкономика: Учебное пособие - М.: Финансы и статистика, 2004
5. Ефанова Е.А. Экономическая сущность интеграции. Предпосылки и виды интеграции. /Вестник ОрелГИЭТ, 2008. - №4(6)
6. М. Мескон, А. Альберт, Ф. Хедоури. Основы менеджмента. пер. с англ.- Москва: Издательство «Дело», 1997
7. Международные экономические отношения: Учебник для вузов / В.Е. Рыбалкин, Ю.А. Щербанин, Л.В. Балдин и др. 4-е изд., перераб. и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003
8. Сорокина И.О. Теоретические основы понятия "интеграция"и принципы ее осуществления / Менеджмент в России и зарубежом, 2008. -№2
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд./ зери таҳ. С. Назарзода., А. Сангинов ва диг.- Душанбе, 2008.- Ҷ 2.- С. 486
10. Glossary Commander: служба тематических толковых словарей [электронный ресурс]. - Материалы сайта www.glossary.ru.

**АННОТАЦИЯ**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ ПОНЯТИЯ И СУЩНОСТИ ИНТЕГРАЦИЯ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ**

В статье рассматриваются различные теоретические подходы понятия и сущности интеграции образования и науки, анализ мировых ученых о понятии интеграции, виды интеграции, основные задачи интеграции образования и науки, результаты внедрения интеграции и ее эффективность.

***Ключевые слова:*** *интеграция, образование, наука, интеграционные процессы, инновационное развитие, ресурсы, результативность.*

**АННОТАТСИЯ**

**РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲАМГИРОИИ (ИНТЕГРАТСИЯИ) МАОРИФ ВА ИЛМ**

Дар мақола равишҳои гуногуни назарявии мафҳум ва моҳияти ҳамгироии илм ва маориф, таҳлили олимони ҷаҳонӣ оид ба ҳамгироӣ, шаклҳои ҳамгироӣ, вазифаҳои асосии ҳамгироии илм ва маориф, натиҷаҳои ҳамгироӣ ва самараи он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

***Калимаҳои калидӣ:*** *интегратсия, маориф, илм, равандҳои интегратсионӣ, рушди интегратсионӣ, захираҳо, натиҷагирӣ.*

**ANNOTATION**

**THEORETICAL APPROACHES OF THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE INTEGRATION OF EDUCATION AND SCIENCE**

The article discusses various theoretical approaches of the concept and essence of the integration of education and science, the analysis of world scientists about the concept of integration, types of integration, the main tasks of the integration of education and science, the results of the integration and its effectiveness.

***Key words:*** *integration, education, science, integration processes, innovative development, resources, effectiveness*